**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН**
**ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Раиси Шӯрои олимони МДТ**
**«ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»**
**д.и.т., профессор**
**М.Қ. Гулзода__________**

**«25» апрели с. 2024 №9**

# НИЗОМНОМАИ
## ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲ

**ДУШАНБЕ – 2024**

## Мундариҷа


1. Муқаррароти умумӣ…………………………………………....4
2. Мақсад, вазифа ва уҳдадориҳои
   шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ .......…..……………….................5
3. Сохтори шурои донишҷӯёни хобгоҳ………………..……7
4. Раиси Шӯрои донишҷӯён..................................................8
5. Аъзогӣ ба Шӯрои донишҷӯён...........................................9
6. Муқаррароти хулосавӣ......................................................10
7. Варақаи мувофиқа намудан ………………………… …11
8. Варақаи бақайдгирии тағйирот .......................................12
9. Варақаи шиносоӣ ………………………………………… 13

# НИЗОМНОМАИ
## шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳои Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».

## 1. МУҚАРРОРОТИ УМУМӢ

1. «Низомнома»-и Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи Шӯрои донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи хобгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» таҳия шудааст.

2. Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» мақоми доимоамалкунанда, дастаҷамъӣ ва худидоравӣ буда, манфиатҳои донишҷӯёнро тавассути расидан ба ҳадаф ва татбиқ намудани вазифаҳои дар ҳамин Низомнома пешбинишуда ҳифз менамояд.

3. Шӯрои донишҷӯён бо маъмурияти Донишгоҳ ва хобгоҳи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», зерсохторҳои он оид ба масоили гуногуни марбут ба манфиатҳои донишҷӯён дар робитаи доимӣ буда, дар фаъолияти худ қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, дастуру супоришҳои раёсати Донишгоҳ ва факултетҳои он, инчунин муқаррароти ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ аз ҷумлаи донишҷӯёни фаъоли қобилияти ташкилотчигидошта ва бо таҷриба, ки бо тавсияи шуъбаи тарбия ва фарҳанг, созмонҳои ҷамъиятии Донишгоҳ (шуъбаи кор бо ҷавонон, Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, Шӯрои занон ва духтарони Донишгоҳ) аз ҷониби масъулони факултет оид ба тарбия дар маҷлиси умумии донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд, ба муҳлати як сол интихоб карда мешавад.

5. Фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» тибқи Низомномаи мазкур аз рӯи нақша-чорабиниҳои тарбиявии Донишгоҳ ва нақшаи кори Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ба роҳ монда мешавад.

6. Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ бо мақсади васеъ ҷалб намудани истиқоматкунандагони хобгоҳ ба чорабиниҳои иҷтимоӣ - маишӣ, маърифатӣ - оммавӣ, солимӣ, фарҳангӣ - фароғатӣ, дуруст ба роҳ мондани тарзи ҳаёти солим, беҳтарсозии шароитҳои зист ва хизмати маишӣ, ёрию ҳамкорӣ ба раёсати Донишгоҳ дар роҳандозии нақша-чорабиниҳо, ташкил карда мешавад.

7. Мудирони хобгоҳҳои МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» вазифадоранд, ки барои фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ шароити мусоид фароҳам оваранд.

8. Муовинони декан оид ба корҳои тарбиявии факултетҳо вазифадоранд, ки назорат ва санҷиши иҷрои нақшаи корҳои ғоявӣ - тарбиявиро дар хобгоҳҳо таъмин намуда, ба Шӯрои факултетии кор дар хобгоҳҳо роҳбарӣ намоянд.

## 2. МАҚСАД, ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲ

9. **Мақсади асосии фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ:**

- ташкили худидоракунии донишҷӯён ва намояндагии манфиатҳои онҳо дар давоми таҳсилашон дар хобгоҳи МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино" ба мақсади татбиқи нисбатан пурраи потенсиали эҷодӣ, ташкилӣ ва илмии онҳо;
- ҳимоя аз ҳуқуқ ва манфиатҳои умумии донишҷӯёни хобгоҳи МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино";
- иштирок дар идоракунии маҳфилҳо ва озмунҳо аз номи ҷамъияти донишҷӯён тибқи шартҳои дар Оинномаи донишгоҳ пешбинишуда;
- ташаккулдиҳӣ ва ҳифзи анъанаҳои МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино";
- ҳамкорӣ бо ташкилоти худидоракунии донишҷӯёни донишгоҳӣ ва факултетҳои МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино";

- мусоидат ба ҳамкории созанда оид ба масъалаҳои ташкили сӯҳбату вохӯриҳои судманд байни донишҷӯён, роҳбарияти Донишгоҳ, кураторон ва омӯзгорони кафедраҳо;
- амалӣ сохтани пешниҳодҳо ва пешбурди афкору андеша ва лоиҳаҳои онҳо, кӯмак ба донишҷӯён дар татбиқи имконоти таълимӣ, эҷодӣ, ташкилӣ, илмӣ ва варзишӣ;
- мусоидат дар истифодаи технологияҳои нав, гузаронидани маҳфилу озмунҳои касбӣ, эҷодӣ, ҳунармандӣ, фарҳангӣ, варзишӣ дар байни донишҷӯёни хобгоҳҳо;
- мустаҳкам кардани интизом ва болобарии фарҳанги умумии донишҷӯён;

10. **Вазифаҳои Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ:**

- ҳамкорӣ бо муовинатҳои таълиму тарбия, Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён, шуъбаи кор бо ҷавонон ва Шӯрои занон ва духтарони донишгоҳ оид ба масоили густариши ҷалб донишҷӯёни хобгоҳ ба иштирок дар маҳфилҳои илмӣ, семинарҳо, инчунин, озмунҳои эҷодию илмии донишҷӯён, олимпиадаҳо ва ғайра;
- таҳлил, ҷамъбаст ва коркарди пешниҳодҳои донишҷӯён оид ба такмили пояи моддию техникии толорҳои хониш, толорҳои фароғатӣ - истироҳатӣ, майдончаҳои варзишӣ ва ғайра;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои фарҳангиву оммавӣ;
- ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ;
- ҷалб намудани донишҷӯёни хобгоҳ барои иштирок дар фестивалҳои дохилӣ, байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ;
- огоҳсозии донишҷӯёни хобгоҳ дар бораи чорабиниҳои дохили МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва берун аз он;
- кӯмак дар ташкили чорабиниҳои дохилии Донишгоҳ;
- огоҳсозии донишҷӯён дар бораи фаъолияти ҷамъиятӣ дар донишгоҳ.

## 3. СОХТОРИ ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ХОБГОҲ

11. Сохтори худидоравии Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»:

- мақоми олии роҳбарикунанда – ҷаласаи донишҷӯёни хобгоҳ;
- мақомоти муштараки роҳбарикунанда – Раёсати Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ва бахшҳои сохтори Шӯрои донишҷӯён, ки аз ҷониби аъзои Раёсати Шӯрои донишҷӯён роҳбарӣ карда мешаванд;
- мақомоти фардии роҳбарикунанда – раиси Шӯрои донишҷӯён ва котиби Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ;
- мақоми муваққатии Шӯрои донишҷӯён – комиссияҳо ва гурӯҳҳои корӣ.

12. Мақоми олии роҳбарикунандаи Шӯрои донишҷӯён ҷаласаи донишҷӯёни хобгоҳи Донишгоҳ ба ҳисоб меравад, ки бо мақсади ташаккули мақомоти худидоракунии донишҷӯён дар давоми як моҳ на кам аз як маротиба баргузор мегардад.

13. Тамоми донишҷӯён барои интихоб кардан ва интихоб шудан дар Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ва иштирок доштан дар фаъолияти он ҳуқуқ доранд. Бо ташаббуси теъдоди на камтар аз 7-13 нафар узви Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ метавонад ҷаласаи ғайринавбатии хобгоҳро даъват намояд.

14. Ба салоҳияти ҷаласа тааллуқ дорад:

- шунидани ҳисоботи солонаи раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ, роҳбарони бахшҳо – аъзои Раёсати Шӯрои донишҷӯён;
- интихоби раиси Шӯрои донишҷӯён;
- интихоби котиби Шӯрои донишҷӯён;
- муайян сохтани самтҳои фаъолияти Шӯрои донишҷӯён мувофиқи мақсад ва вазифаҳое, ки дар қарор омадааст;
- ташаккули бахшҳо (сектор) ва муайянкунии доираи фаъолияти онҳо тибқи нишондоди раиси Шӯрои донишҷӯён бо назардошти самтҳои фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳо;

- интихоби раисони бахшҳои (секторҳо) Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳо;
- қабули қарор дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои раис, котиб, аъзои Раёсати Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳо;
- қабули қарор дар бораи ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи дохилии Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳои Донишгоҳ;

## 4. РАИСИ ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁН

15. Раиси Шӯрои донишҷӯён – узви Шӯрои донишҷӯён буда, бо овоздиҳии аксарияти муқаррарии иштироккунандагони ҷаласаи донишҷӯён интихоб карда мешавад. Дар сурати мавҷудияти якчанд номзад овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад. Раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ба муддати як сол интихоб мешавад. Раиси Шӯрои донишҷӯён аз ҷумлаи омӯзгорони ҷавон ё донишҷӯёни фаъол интихоб карда мешавад.

16. Ҳангоми ҳузур надоштани раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ваколатҳои ӯ ба дӯши муовини раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ вогузор мешавад. Муовини раиси Шӯрои донишҷӯён аз ҷониби раиси Шӯрои донишҷӯёни аз ҳисоби аъзои Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ таъин мегардад.

17. Вазифаҳои Раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ:

- фаъолияти кории Шӯрои донишҷӯёнро ташкил ва роҳбарӣ мекунад;
- ба фаъолияти Раёсати Шӯрои донишҷӯён роҳбарӣ мекунад;
- вазифаҳоро байни роҳбарони бахшҳо (сектор) - и донишҷӯён тақсим мекунад;
- аз номи Шӯрои донишҷӯён дар муносибат бо маъмурияти Донишгоҳ, факултетҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма баромад мекунад;
- барои тасдиқи Раёсати Шӯрои донишҷӯён нақшаи умумии фаъолияти Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳро пешниҳод мекунад;
- ҷаласаҳои Раёсати Шӯрои донишҷӯёнро сарварӣ мекунад, масъалаҳои дар ҷаласа баррасишавандаро таҳия месозад;

- қарору суратҷаласаҳои Раёсати Шӯрои донишҷӯёнро имзо мекунад;
- ҷаласаҳои Раёсати Шӯрои донишҷӯёнро даъват мекунад;
- номзадҳои роҳбарони бахшҳоро барои тасдиқ дар ҷаласа пешниҳод менамояд;
- муовини раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳро таъин мекунад;
- ба роҳбарони зерсохторҳои тобеи Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ супориш медиҳад;
- вазифаҳои дигарро, ки тибқи ҳамин Низомнома ба дӯши ӯ вогузор шудаанд, иҷро мекунад.

18. Дар сурати аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳо набаромадани раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ, дар ҷаласаи Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ аз ӯ ҳамаи вазифа ва ваколатҳо бардошта шуда, то баргузоршавии ҷаласа иҷрокунандаи вазифаи раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ аз ҷумлаи аъзои Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ интихоб карда мешавад.

## 5. АЪЗОГӢ БА ШӮРОИ ДОНИШҶӮЁН

Мақомоти Шӯрои донишҷӯён аз ҷумлаи аъзои он ташкил карда мешавад. Ҳамаи донишҷӯёни хобгоҳ узви Шӯрои донишҷӯён мебошанд. Узвият ба аъзогии Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ дар асоси аризаи шахсӣ, ки ба номи раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ пешниҳод шудааст, дар ҷаласаи Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ баррасӣ мегардад.

19. Узви Шӯрои донишҷӯён уҳдадор аст дар кори он иштирок намояд ва ҳуқуқ дорад, ки ба вазифаҳои роҳбарикунандаи Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ интихоб шавад, супоришҳои онро иҷро намояд ё сабабҳои иҷро нагардидани супоришҳоро ба ҷаласаи Раёсати Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ пешниҳод намояд.

20. Аз ҳайати узви Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ баромадан дар асоси аризаи шахсӣ, ки ба унвони раиси Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ ирсол мешавад, сурат мегирад. Раёсати Шӯрои донишҷӯён ҳуқуқ дорад барои хориҷ намудани узви Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ қарор қабул намояд.

21. Шӯрои донишҷӯён ҳуқуқ дорад бо қарори худ унвони «Узви фахрии Шӯрои донишҷӯён»-ро барои донишҷӯён ва шахсони дигари

фаъол, ки дар татбиқи вазифаҳо ва мақсадҳои Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ саҳмгузорӣ намудаанд, диҳад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХУЛОСАВӢ

22. Шӯрои донишҷӯёни ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино ҳуқуқ дорад, ки мувофиқи тартиби муқарраргардида пояи моддии хобгоҳи

донишгоҳро барои ташкили фаъолияти худ мутобиқи ҳамин Низомнома истифода намояд.

23. Баҳсҳои дохилӣ, ки имкони бартараф кардани онҳо дар ҳамин Низомнома пешбинӣ нашудааст, аз ҷониби Раёсати Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ, декани факултет, муовинони ректор ва ректори МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» баррасӣ ва ҳал карда мешаванд.

24. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ворид карда мешавад.

25. Фаъолияти Низомномаи мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» қатъ карда мешавад.

# 7. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | 24.04.2024 | |
| 2 | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | 24.04.2024 | |
| 3 | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | 24.04.2024 | |
| 4 | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | 24.04.2024 | |
| 5 | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагию маъмурӣ | Хокироев Т.З. | 24.04.2024 | |
| 6 | Сардори хадамоти ректор | Носирӣ Қ.Н. | 24.04.2024 | |
| 7 | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Сафаров Б.И. | 24.04.2024 | |
| 8 | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | 24.04.2024 | |
| 9 | Сардони шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | 24.04.2024 | |

# 8. ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒЙИРОТҲО



| № п/п | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кутоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаб ва имзои тағйирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

## 9. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раиси КИКД | Сафаров Б.Б. | 24.04.2024 | [signature] |
| 2 | Муовини КИКД | Исмоили Убайдулло | 24.04.2024 | [signature] |